**ТАҚРИЗ**
**ба диссертатсияи Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна дар мавзӯи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ**

Решамеваи топинамбур ҳамчун манбаи муҳими миқдори зиёди моддаҳои фаъоли биологӣ эътироф шуда, ба ҷараёнҳои дар организми инсон ба вуҷудоянда таъсири мусбӣ мерасонад. Таъсири профилактикии топинамбур бо таркиби беҳамтои биохимиявии он муайян карда мешавад, ки имконият дорад дар саноати озуқаворӣ истифода бурда шавад. Бинобар он, тадқиқотҳои ба ташкили маҳсулоти нави хӯрокаи таъиноти функсионалии дар асоси топинамбур равона шуда, имрузҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз тарафи Рахмонова Ҷ.А. бо роҳи тадқиқотӣ нишон дода шуд, ки самаранокии истифодабарии топинамбур ҳамчун ашёи хоми растанигӣ бо миқдори зиёди қандҳо аз ҷумла инулин, ки зиёда аз 20% қандҳои дар обҳалшаванда дорад дар намуди хушк то 60,4% инулин ба ҳисоб рафта, дар таркиби маҳсулоти коркардшуда ниҳоят зарур аст.

Хусусиятҳои вегетатсионии топинамбур омӯхта шуда, мавсими ҳосилғундории вобаста ба таркиби химиявиаш пешниҳод шудааст. Инчунин аз тарафи муаллиф таркиби химиявии топинамбури истеҳсоли ватанӣ ва маҳсулоти нимтайёр ва тайёри бо иловаи хокаи топинамбур истеҳсол карда шуда он пурра омӯхта шуд. Муайян карда шуда, ки дар таркиби консентрати коркардшуда, миқдори зиёди моддаҳои пектинӣ аз 10-12% ва сафеда зиёда аз 11% муайян карда шудааст. Вояи оптималии иловаи консентрати топинамбур ба дастурамали кулчақанди коркардшуда муайян карда шуда, баҳогузорӣ шудааст, он 10% аз массаи орди гандуминро дар таркиби маҳсулоти тайёр ташкил додааст.

Бояд қайд намуд, ки нақшаи иҷрои кори илмӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои он бо иштироки бевоситаи унвонҷӯй анҷом дода шуда, муаллиф тавонистааст тавассути он дар такмилдиҳии методикаи арзёбии самаранокии баҳодиҳии ашёи хом, маҳсулоти нимтайёр ва маҳсулоти коркардшуда саҳми худро гузошта, тавсияҳои амалиро барои фаъолияти бомароми истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ таҳия намудааст.

Новобаста аз сатҳи баланди иҷроиши тадқиқот чунин норасоиҳо дар автореферат дида мешавад:

1. Дар автореферат оид ба агротехникаи парвариши решамеваҳои навъи топинамбур ва дар кадом солҳо онҳо ба даст оварда шудаанд, маълумот пешниҳод карда нашудааст?

2. Дар автореферат доир ба оне, ки решамеваи навъҳои топинамбури Интерес ва Сарват аз кадом муассисаи илмӣ ё ки ки аз кадом макон дар оғози кори илмӣ дарстрас шудаанд, маълумот пешниҳод нашудааст?

Бояд қайд намуд, ки эродҳои дар боло зикр шуда, моҳияти илмию амалидоштаи кори илмиро кам намекунанд.

Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур» ба талаботи "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади имлҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 – "Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ" мебошад.

**Номзади илмҳоц кишоварзӣ,**
**дотсент, декани факултети**
**агробизнеси Донишгоҳи**
**аграрии Тоҷикистон ба номи**
**Ш. Шоҳтемур** — **Неъматуллоев З.С.**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
**тел:+992 935411912**
**email:nzoirsho@mail.ru**

*Имзои Неъматуллоев З.С.-ро тасдиқ менамоям.*
Мудири шӯъбаи кадрҳо: Абдузаиезода И. И.